# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи «Нақши анъанаҳои халқи тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Мавзуи интихобнамудаи муаллифи автореферат Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна аз мавзуъҳои муҳимми замони муосир ба шумор рафта, истифодаи анъанаҳои халқии тоҷикон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун сарчашмаи беинтиҳои камолоти маънавист, ки дар пажӯҳиши унвонҷӯй обу ранги тозае гирифтааст.

Бояд дар назар дошт,ки мушкилоти тарбияи насли наврас ҳамеша барои кишварҳои дар ҳолати гузариш ба иқтисодиёти нав қарордошта муҳим арзёбӣ мегардад. зеро дар он кишварҳо ҳамзамон бо тағйирот дар соҳаи ҷамъиятию сиёсӣ дар шуури инсонҳо ҳам таҳаввулоти назаррас ба вукуъ меоянд. Бинобар ин, ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Унвонҷӯй аз ин рӯ дар таҳқиқоти мазкур хеш андеша ронда, тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллии давлат ва хизмат ба Ватанро дар заминаи суннат ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик зарур ва муҳим донистааст.

Тавре ки худи унвонҷӯй хело хуб иброз медорад, шукуфоии минбаъдаи ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарбияи шахсияти дорои дараҷаи баланди ахлоқӣ, олами ботинии ғанӣ, бо эҳсосоти волои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ тарбияро дар ин ё он руҳия аз синни хурди ба роҳ бояд монд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки дар ҷанбаҳои гуногуни анъанаҳои халқи тоҷик ба сифати мавзуъ ва ҳадафи асосӣ тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас интихоб гардидааст ва дар мероси педагогикаи халқӣ (хаттию шифоҳӣ), зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик, назария ва амалияи тарбияи инсон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ эҷод шудаанд. Ба инсон барои мулоҳиза кардан ва меҳру муҳаббатро нисбат ба кишвар эҳсос намудан, дар ӯ эҳсоси эҳтиром ва ҳамдардӣ нисбат ба дигар

инсонҳоро бедор намудан басо муҳим аст. Тибқи анъана ҳадафҳои таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас намудани дониш ва маҳорату малакаест, ки хатмкунанда бояд аз худ намояд.

Муаллиф дар автореферат доир ба дараҷаи таҳқиқи мавзуъ таваққуф намуда,таҳқиқоту таълифоти анҷомшударо вобаста ба он мавриди ёдрасиву баррасӣ қарор дода, онҳоро ба таври воқеӣ арзёбӣ намудааст.

Унвонҷӯй дар тавсифи умумии кор оид ба мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои умумии методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола, маълумоти фишурдаи боэътимод ироа намудааст.

Дар қисмати хулосаи пажӯҳиш натиҷаҳои озмоиш бо риояи талаботи зарурӣ оварда шудааст. Метавон гуфт, ки пажӯҳиши мавзуи номбурда тибқи талаботи ҷорӣ хуб анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон, матни автореферат аз камбудиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ холӣ нест, ки албатта қиммати таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, вале бояд ислоҳ шаванд.

**Муқарриз:** Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи
технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

14.07.2026 Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, х. Дустии халқҳо 94.
Тел: (+992) 918 636113, Emai: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзоев Абдулазиз Раҷабовичро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТРЗС-и ДБССТ Раҳматуллоева Ш.К.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
HR DEPARTMENT